«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
профессор __________ Давлатзода С.Х.
«31» ____10______ 2022 с.

## НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №03

ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

«29»____10____2022 ш. Бохтар

**Раисикунанда:** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нуролизода Наргис, мудири кафедраи молия

**Котиб:** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия Джайлоев Зафар Миралиевич

**Иштирок карданд:** н.и.и., дотсент Нурализода Н, н.и.и., дотсент Джайлоев З.М., н.и.и., дотсент Холназаров М.Ҳ., н.и.и., Бақоев Ш.С., н.и.и., дотсент Раҳимов П.С., н.и.и., дотсент Мирзозода М., н.и.и., дотсент Шарипов И.О., омӯзгорон: Кабиров Ш.Р., Эрматов М.С., Абдулоева Н., Каримов Ш., Гулов Б.М.

### РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Муҳокимаи кори диссертатсионии Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсия дар кафедраи молияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Назирӣ Гулбаҳор Назир – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷу Султонов Мусулмон Субҳонович баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рузмарагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии худ маълумот дода, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар заминаи шаклҳои гуногуни моликият таъмини рақобатпазирӣ ва муносибатҳои хоҷагидорӣ тағйир ёфта, зарурати азнавсозии муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ ба миён меояд. Муаллиф қайд менамояд, ки тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ташкили институтҳои

кафолатдиҳии пасандозҳо ба созмондиҳии институтҳои махсуси назорат, реструксияи системаи бонкӣ, аудити дохилӣ ва берунӣ алоқаманд аст. Танҳо ҳамоҳангсозии зичи кори ин институтҳо имкон медиҳад, ки устувории системаҳои бонкӣ нигоҳ дошта, идоракунии ҳамаи зинаҳои рушди бонкҳо таъмин карда шавад.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён н.и.и., дотсент Холназаров М.Ҳ., н.и.и., дотсент Бақоев Ш.С., н.и.и., дотсент Раҳимов П.С., н.и.и., дотсент Джайлоев З.М., н.и.и., дотсент Мирзозода М.Ш. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд ва ба саволҳои онҳо Султонов Мусулмон Субҳонович ҷавобҳои саҳеҳу мукаммал гардонид.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷу доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Назирӣ Гулбаҳор Назир баромад намуда, ойд ба фаъолияти педагогӣ ва илмии Султонов Мусулмон Субҳонович суханронӣ намуда, аз ҷумла иброз доштанд, ки унвонҷу қобилияти баланди педагогӣ ва эҷодию амалӣ дошта, рисолаи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва барои ҳимоя аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуданд, ки фикри онҳоро дастгирӣ намоянд.

Сипас Раҳимов П.С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молиявию иқтисодӣ баромад намуда, аз ҷумла чунин гуфт: Муҳтарам раис, муҳтарам аъзоёни кафедра, рисолаи илмӣ дар мавзуи) «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки аз тарафи унвонҷӯ Султонов Мусулмон Субҳонович иҷро шудааст, дар ҳақиқат, актуалӣ ва замонавӣ мебошад. Ба фикри ман, диссертатсияе, ки Султонов Мусулмон Субҳонович ба иҷро расонидааст, кори таҳқиқотии бaанҷомрасида мебошад ва ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад. Ман тарафдори ҳамин гуна рисолаҳо мебошам.

Ҳамин тавр, аъзоёни кафедраро даъват месозам, ки онро тарафдорӣ намоянд. Ташаккур.

Баъдан Бақоев Ш.С. номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ бо чунин мазмун баромад кард: Мо муҳтавои рисолаи баиҷрорасонидаи унвонҷуро шунидем. Ман фикр мекунам, ки рисолаи Султонов Мусулмон Субҳонович паҳлуҳои нави ин масъаларо фаро гирифтааст. Ҳамчунин, муаллиф дар рисола моҳияти суғурта ва хавфу хатарҳоро хеле хуб нишон дода тавонистааст. Албатта, дар рисола бисёр

ҷиҳатҳои мусбӣ мавҷуд аст, ки мо онро аз забони муаллиф ҳам шунидем. Аз аъзоёни кафедра хоҳиш менамоям, ки рисолаи унвонҷуро барои даври дуюми экспертиза пешбари намоянд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур, инчунин н.и.и., дотсент Нурализода Н, н.и.и., дотсент Джайлоев З.М., н.и.и., дотсент Холназаров М.Ҳ., н.и.и., Бақоев Ш.С., н.и.и., дотсент Раҳимов П.С., ширкат варзида, тавсияҳои илмӣ-таҳқиқотии худро барои дар оянда истифода намудани унвонҷӯ пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд намуда, саҳми унвонҷуро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Султонов Мусулмон Субҳонович муҳаққиқи ҷавону кордон, боинтизом ва масъулиятшинос буда, муаллифи як қатор таълифоти илмӣ ва иштирокчии фаъоли конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мебошад.

**Феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Султонов М.С. Баъзе масъалаҳои суғуртаи хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар шароити имрӯза [Матн] / М.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2018. - №6. қ.2. – С. 155-158.
2. Султонов М.С. Роҳҳои такмил додани хизматрасонии суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Султонов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷалаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2018. - №1/3 (55). – С. 200-206.
3. Султонов М.С. Мушкилоти бозори суғурта ва роҳҳои бартараф намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Султонов, Ш.М. Саидмуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. – №2. – С. 128-132.
4. Султонов М.С. Асосҳои назариявии идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ // Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маҷалаи илмӣ Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, Бохтар 2020, №1/3(77).
5. Султонов М.С. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ [Матн] / М.С. Султонов // Кишоварз. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. – Душанбе, 2020. - №4 (89). – С. 269-273.

6. Султонов М.С. Таснифоти хавфҳои бонкӣ ва алоқамандии он бо суғурта [Матн] / Г.Н. Назирӣ, М.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. – Душанбе, 2021. - №3 (37). – С. 151-157.

7. Султонов М.С. Роҳҳои танзими суғуртакунии хавфҳои бонкӣ [Матн] / Г.Н. Назирӣ, М.С. Султонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе, 2021. - № 4(2). – С. 57-63.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ҶСП Спитаменбонк дар шаҳри Бохтар, пешниҳод шудааст.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани кори диссертатсионии Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, хулосаи роҳбари илмӣ Назирӣ Гулбаҳор Назир – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси бонкӣ миллӣ ва таҳқиқи системавии хавфу хатарҳои бонкӣ, баромадкунандагон Раҳимов П.С. номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети молиявию иқтисодӣ, Бақоев Ш.С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ, инчунин дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии аъзоёни кафедра оид ба диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович оид ба дурустӣ, навоварӣ, аҳамиятнокӣ ва хулосаҳои диссертатсия ва инчунин, оид ба натиҷаҳои кори чопшуда кафедраи молия чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ НАМУД:**

1. Диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисоси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.
3. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.
4. Ба Султонов Мусулмон Субҳонович барои пешниҳод кардани диссертатсия ба Шурои олимони факултет иҷозат дода шавад.

Кӣ тарафдори қарори кафедра мебошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Тарафдор - 12, муқобил – нест, бетараф - нест. Бо як овоз қабул шуд.

Бо ҳамин маҷлиси кафедраро пӯшида гуфта эълон менамоям. Ташаккур ба ҳама барои иштироки фаъолона дар маҷлиси кафедра.

**Раиси ҷаласа,**
мудири кафедраи молия,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нурализода Н.

**Котиби илмӣ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Джайлоев З.М.

Имзоҳои Нурализода Н. ва Джайлоев З.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Н. Хусрав Шукурзод Ҷ.А.
«29» 10 2022

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС